**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**
Бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 ноябри соли 2023.

# Т А Р Т И Б
## Оид ба пешбурди феҳристи шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ

1. Тартиб оид ба пешбурди феҳристи шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” коркард ва қабул карда шудааст.

2. Пешбурди феҳристи шаклҳои такилии фаъолияти адвокатӣ аз тарафи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои минтақавӣ амали карда мешавад. Феҳрист ба таври электронӣ ва хаттӣ ба роҳ монда мешавад.

3. Дар феҳрист коллегияҳои адвокатӣ, маслиҳатхонаҳои ҳуқуқӣ, кабинетҳои адвокатӣ ва бюроҳои адвокатие, ки дар ҳудуди минтақаҳои муайян таъсис ва ба қайд гирифта шудаанд, ворид карда мешаванд.

4. Дар феҳрист маълумотҳо оид ба номи пурраи шакли ташкилӣ, санаи бақайдгирӣ, рақами шаҳодатнома, маълумот дар бораи адвокатҳое, ки дар он фаъолият менамоянд, маҳалли ҷойгиршавӣ, тартиби амалисозии алоқаи электронӣ, телефонӣ, телеграфӣ, почта ва дигар намуди алоқа байни Иттифоқи адвокатҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ амали мегардад, ворид карда мешавад.

5. Маълумотҳои дар банди 4 ҳамин тартиб пешбинишуда, аз тарафи роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ дар мухлати даҳ рӯз аз бақайдгирии давлатӣ ва ё қабули аъзои нав ё ин, ки хориҷ шудани яке аз аъзоён ба таври хаттӣ ба Иттифоқи адвокатҳо ва мақомотҳои минтақавӣ пешниҳод карда мешавад.

6. Роҳбарони шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ уҳдадоранд, ки маълумот дар хусуси азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии шакли ташкилии фаъолияти адвокатиро дар муддати даҳ рӯз пас азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии шакли ташкилии фаъолияти адвокатӣ, Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавиро огоҳ намоянд.

7. Маълумот оид ба адвокатҳои узви коллегияҳои адвокатӣ, маслиҳатхонаҳои ҳуқуқӣ, бюроҳои адвокатӣ ва кабинетҳои адвокатие, ки мақомашон қатъ ва ё боз дошта шудааст ба феҳрист сабт карда мешаванд.

8. Мақомотҳои минтақавӣ вобаста ба ворид кардани маълут ба феҳристи шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ дар муддати панҷ рӯз Иттифоқи адвокатҳоро ба таври хаттӣ огоҳ менамоянд.

9. Барои ворид кардани маълумот ба феҳрист, аз ҷониби шаклҳои ташкилии фаъолияти адвкоатӣ бояд ба Иттифоқи адвокатҳо ва мақомотҳои минтақавӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

**А) Коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ:**

- огоҳнома дар бораи таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва ё барҳамдиҳии коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ бояд маълумот дар бораи адвокатҳое, ки дар он фаъолият менамоянд, маҳалли ҷойгиршавӣ, тартиби амалисозии алоқаи электронӣ, телефонӣ, телеграфӣ, почта ва дигар намуди алоқа байни Иттифоқи адвокатҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ амали мегардад, дар бар гирад;

- нусхаи ба нотариали тасдиқгардидаи шартномаи таъсисӣ ва оиннома;

- нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ;

- нусхаи шаҳодатномаи адвокатии муассисон ва аъзоёни коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ;

- огоҳнома оид ба тағйирот дар шумораи адвокатҳо – аъзоёни коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ;

- нусхаи қарорҳои ба узвият қабул кардан ва ё хориҷ кардани аъзоён;

- нусхаи РМА – и коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ;

- нусхаи РМА – и аъзоёни (адвокатҳои) коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ;

- маълумот оид ба раис (мудир) – и коллегияи адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва бюрои адвокатӣ (ном, насаб, номи падар, нусхаи шиноснома, нусхаи қарор (фармон) – и интихоб ва ё таъини раис (мудир);

**Б) Кабинети адвокатӣ;**

- Огоҳнома, ки дар он маълумот оид ба адвокат, маҳалли ҷойгиршавии кабинети адвокатӣ, тартиби амали намудани алоқаи электронӣ, телефонӣ, телеграфӣ, почта, ва дигар намуди алоқаро дар бар мегирад;

- нусхаи шиносномаи адвокат;

- нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ;

- нусхаи шаҳодатномаи адвокатӣ;

- нусхаи РМА – и адвокат;

- маълумот оид ба иваз намуданишудани шакли ташкилии фаъолияти адвокатӣ агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад.